Зироатҳои субтропикӣ ба ду гурӯҳ ҷудо мешаванд: зироатҳои субтропикии хазонрез ва ҳамешасабз. Зироатҳои субтропикии хазонрез нисбати ҳамешасабз сармобардор мебошанд.

Як қисмати минтақаҳои ҷумҳурии мо аз он ҷумла: ноҳияҳои водигии вилояти Хатлон иқлимашон субтропикии хушк аст. Ин минтақа барои парвариши зироатҳои субтропикии хазонрез:-анор, анҷир, хурмо, уноб, тут, санҷид мувофиқат мекунад.

Дар ин ноҳияҳо парвариши анор, анҷир, хурмо, уноб аҳмияти содиротӣ доранд. Лекин бояд хотиррасон кард, ки иқлими минтақа континенталӣ (тезтағирёбанда) аст. Давра ба давра пастшавии ҳарорати ҳаво аз охири моҳи ноябр то охирҳои моҳи феврал то - 28-32$^{o}$С ба қайд гирифта шудааст, ки чунин пастшавии ҳарорат дар сатҳи хок бо хушкшавии зироатҳои номбурда оварда мерасонад. Инро мо дар 18 соли охир аз зимистони солҳои 2002-2003 то ин ҷониб 4 маротиба дар қисматҳои алоҳидаи минтақа мушоҳида кардаем.

Устувории растаниҳо ба хунукӣ гуногун аст. Дар ҷадвали 1 ҳарорати сармозании узвҳои зироатҳо оварда шудааст.

**Ҷадвали 1,**

**Устуворияти зироатҳои субтропикӣ ба пастшавии ҳарорат, $^{0}$С**

| № | Номгӯи зироатҳо | Сармозании навдаҳои солона | Сармозании навдаҳои бисёрсола | Сармозании тамоми қисми руизамини |
|---|---|---|---|---|
| 1. | Анор | -14-15 | -16-17 | -18-19 |
| 2. | Анҷир | -12-14 | -16-18 | -22-23 |
| 3. | Хурмо | -19-20 | -20-21 | -25- |
| 4. | Уноб | 10-11 | | -30 боло |

Дар ҷадвали 2 ҳарорати устувор барои инкишофи узвҳо ва давомнокии гулшукуфию ташаккулёбии мева оварда шудааст.

**Ҷадвали 2,**

**Давраҳои рушди зироатҳо вобаста аз ҳарорати ҳаво, $^{0}$С**

| № | Зироатҳо | Саршавии нашунуму | Ғунча-банди | Давомнокии гулшукуфируз | Ташак-кулёбии мева | Ҷамъи ҳарорати зарурӣ, |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | Анор | 10-12 | 16-18 | 30-45 | 120-160 | 4000 - 5000 |
| 2 | Анҷир | 10-11 | | | 60-75 | 3500 |
| 3 | Хурмо | 17-19 | 20-22 | 15-20 | 170-180 | 4000 - 4500 |
| 4 | Уноб | 18-19 | 22-24 | 15-27 | 120-130 | 3000 |

Дар истеҳсолот зироатҳои субтропикӣ бо ду роҳ афзоиши дода мешавад: 1. Қаламчакунӣ. 2. Пайванкунӣ.

Барои афзоишдиҳӣ анор, анҷир, ки бо тарзӣ каламчакуни афзоиш дода мешаванд, бояд каламча аз ниҳолҳои модарии солим ва серҳосили апробатсияшуда тайёр карда шавад. Қаламчҷаро аз навдаҳои 1-2 солаи хуб инкишофёфта бо дарозии 20-30 см аз қисми миёна ва поёнии навда тайёр кардан лозим аст. Мухлати шинонидани каламча тирамоҳ ва аввалӣ баҳор мебошад. Ниҳолҳо дар давоми як ё ду сол тайёр мешаванд.

Ниҳолҳои стандартӣ бояд 40-50 см қад кашида бошанд ва решаи инкишофёфта дошта, бошанд.

Ниҳолҳои хурмо ва унобро бо усулҳои гуногуни пайванд парвариш мекунанд. Барои ин аввал тухмиро бо нақшаи 70-90 см бо 15-25 см кишт карда, ниҳолҳои хасакро тайёр мекунанд. Дар соли 2-3-ум ниҳолҳои хасаки ба пайванд тайёр шударо пайванд карда-ниҳолҳои 1-2 солаи пайвандӣ парвариш карда мешавад.

Боғҳоро аз ҳисоби ниҳолҳои 1-2 солаи стандартӣ бунёд мекунанд.

Барои бунёди боғҳо қитъаҳои замини оби зеризаминиашон аз 1,5-2 м чуқур ҷойгирифта, интихоб карда мешавад.

Омода кардани замин чунин чорабиниҳоро: тоза кардани майдон аз маводҳои нолозим, тахту ҳамворкунии замин; андохтани пору ва нуриҳои маъданӣ фосфор; калий; шудгори чуқур; молакунӣ; муайян кардани нуқтаҳои ниҳолшинонӣ, кандани чуқуричаҳо ва ғайраро дар бар мегирад.

Вобаста аз шароити маҳал, хусусиятҳои биологии навъҳо - анору анҷиро бо ду тарз шинондан тавсия карда мешавад. Берӯйпушкунӣ ва рӯйпушкунии буттаҳо дар зимистон.

Барои рӯйпушкунӣ дар зимистон ниҳолҳоро дар тахт кунҷи 45$^{o}$ бо қади катор бо самти ғарб ё ҷануб шинондан тавсия карда мешавад. Анору анҷиро дар шароити ҷумҳурӣ бо тарзи буттагӣ парвариш кардан мувофиқ аст, аз ин рӯ буттаҳо бояд аз 2-4 танна иборат бошанд.

Боғҳои хурмо ва унобро аз рӯи нақшаи дар ҷадвали 3 оварда шуда, бунёд карда мешавад. Уноб нисбати дигар ҷинси растаниҳои субтропикӣ ба хушкӣ устуворияташ баланд аст. Бинобар ин боғҳои онро дар заминҳои лалмии бо намии табиӣ таъмин низ тавсия мегардад.

**Ҷадвали 3,**

**Нақшаи бунёди боғҳои зироатҳои субтропикӣ , м**

| № | Номгӯи зироатҳо | Бе рӯйпушкуни дар зимистон | Рӯйпушкуни дар зимистон |
|---|---|---|---|
| 1. | Анор | 4x2, 4x3, 4x4 | 3,5x2, 4x3 |
| 2. | Анҷир | 5 x4, 4x2 | 4x2, 4x3 |
| 3. | Хурмо | 6x5, 5x5 | - |
| 4. | Уноб | 6x5, 5x5 | - |

Чорабиниҳои баъд аз шинондани ниҳол ин аз шаклдиҳии буттаҳою дарахтон, шохабурӣ,нигоҳ доштани хоки байни қаторҳо, нармкунии бехи ниҳолҳо, обмонӣ дар заминҳои обӣ, намнигоҳдорӣ дар заминҳои шартанобёришаванда ва лалмӣ, ғизодиҳӣ ва

муборизаи зиддӣ касалию ҳашаротҳо иборатанд.

**Ҷадвали 4,**

**Меъёри додани нуриҳои органикӣ ва минералӣ (моддаи таъсиркунанда) ба 1 гектар**

| № | Зироат | Пору, тонна | N | | P | | K | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | Боғхои хосилдех | Боғӣ чавон | Боғи хосилдех | Боғӣ чавон | Боғи хосилдех | Боғӣ чавон | Боғи хосилдех |
| 1. | Анҷир | 20 | 40-50 | 20-100 | 60-70 | 120-150 | 25-30 | 60 |
| 2. | Хурмо | 10-20 | 40-60 | 120 | 60-90 | 90 | 20-30 | 50 |
| 3. | Уноб | 6-8 | 40-45 | 90 | | 60-80 | 20-25 | 50 |
| 4. | Анор | 30-40 | 50-60 | 120 | 45-50 | 90 | 25-30 | 60 |

Барои гирифтани ҳосили хуб вобаста аз тип ва таркиби хок дар сатҳи зарурӣ таъмин намудани намнокии хок шарти асоси мебошанд. Режаи обмонӣ низ аз типи хок вобастааст.

**Ҷадвали 5,**

**Реҷаи обмонии зироатҳои субтропикӣ дар давраи нашъ намо**

| № | Зироатҳо | Боғҳои ҷавон, карат | Боғҳои хосилдеҳ, карат |
|---|---|---|---|
| 1. | Анор | 10-12 | 8-10 |
| 2. | Анҷир | 6-8 | 7-11 |
| 3. | Хурмо | 10-12 | 8-10 |
| 4. | Уноб | 5-6 | 7-8 |

Чорабиниҳои зиддӣ касалиҳою зараррасонҳо бояд бо таври маҷмӯи, истифодаи якҷояи усулҳои - механикӣ, агротехникӣ, биологӣ ва кимиёвӣ ташкил карда шавад.



*Тартибдиҳанда: Фозилов Ҷ.Д.*

**Суроға барои маълумот ва пешниҳод:**
**Институти боғу токпарварӣ ва сабзавоткории АИКТ**
**734025, ш. Душанбе, хиёбони Рудакӣ, 21а**
**Тел: (992 37) 2-27-08-01; 2-27-07-95**
**E-mail: bogparvar@mail.ru**

## АКАДЕМИЯИ ИЛМҲОИ КИШОВАРЗИИ ТОҶИКИСТОН

## ИНСТИТУТИ БОҒУ ТОКПАРВАРӢ ВА САБЗАВОТКОРӢ

# «ТЕХНОЛОГИЯИ БУНЁДИ БОҒҲОИ ЗИРОАТҲОИ СУБТРОПИКӢ»



**Душанбе, 2024**